## Подкасти лоиҳаи GEFF Тоҷикистон #2: Гармхонаҳои муосир

***Мутахассис оид ба маркетинги лоиҳаи GEFF Тоҷикистон:***

Хуш омадед ба пахши дуюми подкасти лоиҳаи GEFF Тоҷикистон, ки дар ду ҳафта як маротиба нашр мешавад! Мо ба тариқи равшан инъикоснамоии таъсири тағйирёбии иқлим ва роҳҳои ҳалли «сабз»-и онро, ки ба шароити Тоҷикистон мутобиқанд, идома медиҳем. Дар шароити рӯз аз рӯз ҷиддӣ гаштани масоили экологӣ дар тамоми ҷаҳон, аз ҷумла норасоии энергия, гармшавии глобалӣ, ифлосшавии муҳити атроф, афзоиши аҳолии шаҳр – агробизнес, деҳқонон ва хонаводаҳо ба оянда нигаронанд, то бифаҳманд, ки мутобиқшавӣ ва истифодаи технологияҳои сабз барои тағйир додани оянда  чӣ тавр кӯмак мекунад. Мо чунин мешуморем, ки технологияҳои сабз афзалиятҳои муҳими амалиро барои бахши маҳаллии хусусӣ, алалхусус афзудани маҳсулнокӣ, кам кардани хароҷот, баланд бардоштани рақобатпазирӣ,  эътирофнамоии бренд ва афзунгардонии даромаднокӣ таъмин менамоянд.

Ман Азиз Ғафоров – мутахассис оид ба маркетинги лоиҳаи GEFF Тоҷикистон ҳастам. Дар эпизоди якуми подкаст мо дар бораи механиконии хоҷагиҳо ва роҳҳои афзунгардонии  маҳсулнокии соҳаи кишоварзӣ, суханронӣ намуда будем. Подкаст барои зеркашӣ намудан дар сомонаи мо www.ebrdgeff.com/tajikistan дастрас мебошад. Такроран қайд менамоям, ки силсилаи подкастҳои лоиҳаи GEFF Тоҷикистон ба рушди занҷираи арзиши иловашудаи маҳсулоти соҳаи кишоварзӣ ва агробизнес дар доираи суҳбатҳо бо мутахассисони маҳаллӣ, агрономҳо ва муҳандисон бахшида шудааст.

Барномаи маблағгузории иқтисоди сабзи Тоҷикистон маҳсулоти Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд мебошад, ки он дар ҳамкорӣ бо Иттиҳоди Аврупо, Фонди Иқлими Сабз ва Ҷумҳурии Корея фаъолияти худро роҳандозӣ менамояд. «Сармоягузориҳои сабз» барои тиҷорат аҳамияти муҳим дошта, дар натиҷа таъсирро ба муҳити атроф то ҳадди ақал оварда мерасонанд. Дар якҷоягӣ бо донорҳо ва шарикони молиявӣ лоиҳаи GEFF Тоҷикистон гузариши Тоҷикистонро ба иқтисоди сабз дастгирӣ менамояд.

Эпизоди дуюми подкаст масъалаи гармхонахои муосирро, ки бо системаи обёрии қатрагӣ ҷиҳозонида шудааст, дар бар мегирад. Имрӯзҳо технологияи гармхона аз системаи хурди парвариши зироатҳои махсус ба як заминаи рушди босуръати истеҳсолоти маҳсулоти кишоварзӣ табдил ёфтааст. Муовини роҳбари лоиҳаи GEFF Тоҷикистон Усмонқул Ботуров имрӯз ба мо дар бораи намудҳои гармхонаҳо, афзалиятҳо ва маҳдудиятҳои онҳо, инчунин дар бораи роҳҳои «сабзи» ҳалли онҳо, ки метавонанд рақобатпазирии занҷираи арзиши иловашудаи кишоварзӣ ва устувориро ба тағйирёбии иқлим дар Тоҷикистон баланд мебардоранд, нақл хоҳанд кард.

Чӣ тавре, ки мо медонем, гармхонаҳо ҳамчун технологияи дар Тоҷикистон ба таври васеъ истифодашаванда мебошад, аз ин лиҳоз, Усмонқул Ботуров, Шумо метавонед бо мо дар бораи он, ки кадом намуди гармхонаҳо имрӯзҳо мавҷуданд ва кадоме аз онҳоро ҳамчун гармхонаҳои инноватсионию муосир арзёбӣ намудан мумкин аст? Инчунин чӣ тавр муайян намоем, ки тафовути байни парвариши зироат дар замини кушод ва дар гармхона дар чӣ мебошад?

***Муовини роҳбари лоиҳаи GEFF Тоҷикистон:***

Ассалому алейкум. Гармхонаҳо аз рӯи сохт якчанд намуд мешаванд ва онҳоро барои парвариши зироатҳо истифода мебаранд. Гарчанде ҳар кадом намуди гармхона афзалиятҳои худро дошта бошад ҳам, бо вуҷуди он ягон намуди гармхонае нест, ки онро беҳтарин ҳисобем. Намудҳои гуногуни гармхонаҳо барои қаноатманд намудани эҳтиёҷоти муайян пешбинӣ шудаанд. Намудҳои гармхонаҳо дар асоси шакл, масолеҳи рӯйпӯшкунанда ва сохти он бо чунин тарз шарҳ дода мешаванд:

- ✓ Намудҳои гармхонаҳо вобаста аз масолеҳи рӯйпӯшкунанда: шишагӣ, поликарбонатӣ, плёнкаи полиэтиленӣ ва тӯри пластикӣ мешаванд;
- ✓ Намудҳои гармхонаҳо аз рӯи шакл: туннелшакл, сақфдор, типпи хитой ва хандакӣ мешаванд.

Аз сабаби зиёд шудани ҳарорат, хушксолӣ ва якбора боридани барф дар фасли баҳор, чӣ тавре, ки имсол шуда гузашт, парвариш намудани зироатҳо дар заминҳои кушод мушкил шуда истодааст. Кишоварзон барои мубориза бо зараррасонҳои кишоварзӣ пеститсидҳоро истифода мебаранд, ки он бисёртар ҳангоми парвариши зироатҳои сабзавотӣ ба назар мерасад. Аз рӯи мушоҳидаҳои мо сол аз сол ҳосилнокии сабзавот рӯ ба камшавӣ рафта истодааст. Истеҳсоли сабзавотиҳо дар гармхонаҳо яке аз роҳҳои бартараф намудани чунин камбудиҳо мебошад. Ҳамаи мо медонем, ки дар вақти истеҳсоли сабзавот дар гармхонаҳо таъсирнокӣ ба муҳити атроф ба минимум расида, истифодаи пеститсидҳо ба таври назаррас кам мегардад, ҳосилнокӣ нисбатан зиёд мешавад. Ғайр аз ин, шумо метавонед дар ҳама мавсими сол сабзавоти тару тоза истеҳсол намоед.

*Мутахассис оид ба маркетинги лоиҳаи GEFF Тоҷикистон:*

Технология барои фаъолияти пурсамар ва таъсиркунанда барои ҳар як намуди тиҷорат лозим аст. Ва оё Шумо метавонед бигӯед, ки чаро гармхонаҳо ин қадар муҳиманд? Чӣ метавонад деҳқононро барои зиёд намудани истеҳсол дар гармхонаҳо ҳавасманд гардонад?

*Муовини роҳбари лоиҳаи GEFF Тоҷикистон:*

Дар назар аст, ки мувофиқи маълумотҳои Созмони Милали Муттаҳид соли 2050 аҳолии Тоҷикистон аз 9,5 миллион то 14,5 миллион нафар мерасад. Ин маънои онро дорад, ки бо 53% зиёд шудани аҳолӣ талабот ба зиёд намудани масоҳати кишт ва ҳосилнокии зироатҳо низ мегардад, барои он, ки сатҳи зиндагонӣ ва талабот ба маҳсулоти кишоварзӣ аз рӯи прогрессияи геометрӣ зиёд шуда истодааст. Парвариши зироатҳо дар гармхонаҳо метавонад яке аз роҳҳои баланд бардоштани маҳсулнокии сабзавот ва таъмини талаботи аҳолӣ гардад. Ҳавасмандии асосӣ он аст, ки истеҳсолоти гармхонавӣ даромаднокии деҳқононро зиёд менамояд ва тамоми сол истеҳсолкунии зироатро, таъмин менамояд.

*Мутахассис оид ба маркетинги лоиҳаи GEFF Тоҷикистон:*

Бале, Шумо дуруст мегӯед. Интихоби дурусти макон барои бунёди гармхона аз мо то андозае донишу малакаҳои техникӣ талаб менамояд. Хоҳишмандам, мегуфтед, ки чӣ гуна деҳқон метавонад барои сохтмони гармхона ҷой интихоб намояд?

*Муовини роҳбари лоиҳаи GEFF Тоҷикистон:*

Барои сохтмони гармхона бояд пеш аз ҳама ҷойгиршавӣ, ҳолати ҷуғрофӣ ва таркиби хокро ба назар гирифт. Гармхонаро наметавон дар қитъаҳои роҳи сел, замини санглох ё ба эрозияи шамолӣ дучоршуда бунёд намуд. Майдон барои бунёди гармхона бояд равшан ва офтобрӯй буда, сатҳи обҳои зеризаминӣ бояд аз 1,5-2,0 м чуқуртар ҷойгир шуда бошад. Барои парвариши помидор ва бодиринг асосан равшанӣ, об ва хоки ҳосилхез лозим аст. Шарти асосии интихоби қитъа барои гармхона ин мавҷуд будани об, қувваи барқ ва роҳҳои хуб мебошад. Ҳамаи ин талаботро ба назар гирифта, деҳқонон метавонанд дар ҳавлиgaliv заминҳои худ гармхонаҳои на он қадар калон бунёд намоянд.

*Мутахассис оид ба маркетинги лоиҳаи GEFF Тоҷикистон:*

Парвариши кадом навъҳо ва дурагаҳои помидор ва бодиринг дар гармхона тавсия дода мешавад? Дар гармхона ҳарорати оптималӣ барои парвариши помидору бодиринг чанд аст? Кадом ҳашароти

зараррасон ҳангоми парвариши сабзавотиҳои барвақтӣ ба мушоҳида мерасанд? Хоҳишмандам, ин паҳлуҳоро шарҳ медодед.

*Муовини роҳбари лоиҳаи GEFF Тоҷикистон:*

Дар гармхонаҳои муосир тавсия дода мешавад, ки дурагаҳои помидори селексияи хитой – изроилӣ ва дигарро, аз қабили Шарлотта, Белла, Буран, Элпида, Ламия, Вазира, Замира, Донатино, Алмина, парвариш карда шаванд. Барои парвариши бодиринг деҳқонон метавонанд дурагаҳои Орзу, Данимет, Пикалино, Эспадана, Кадияр, Кемре, Фонта, Фонтина, Бебино ва дигарҳоро истифода баранд.

Дар вақти интихоби тухмии помидору бодиринг хуб мешуд, ки деҳқонон аз мутахассисони варзидае, ки бо гармхонаҳо сарукор доранд, машварат гирифта, тухмиҳоро аз таъминкунандагони расмӣ дастрас намоянд. Барои нашъунамои хуби помидор ҳарорати беҳтарин рӯзона 22-26 дараҷа ва шабона 16-18 дараҷа мебошад. Вақте, ки ҳарорат дар гармхона аз 10 дараҷа поён меравад, ниҳолҳои помидор инкишоф намеёбанд. Бодиринг зироати гармӣ ва намидӯстдор аст. Ҳарорати оптималӣ барои парвариши бодиринг рӯзона 28-32 дараҷа ва шабона 18-22 мебошад. Бо дарназардошти он бояд мунтазам ҳароратро дар дохили гармхона назорат ва танзим намоем.

Дар гармхона сабзавотиҳои барвақтӣ бисёртар аз тарафи ҳашаротҳои сафедболак, кирми ғуза, трипс, тортанак ва куяи помидор зарар меёбанд. Истифодаи домҳои феромонӣ мубориза бо кирминаҳо ва дигар зараррасонҳои помидор самараи хуб медиҳад. Вобаста аз мавсими сол ва биологияи худи зироат дар гармхонаҳо бо пеститсидҳо мунтазам коркарди кимиёвӣ гузаронидан бомаврид аст.

*Мутахассис оид ба маркетинги лоиҳаи GEFF Тоҷикистон:*

Аз рӯи ақидаи Шумо, кадом сабабҳои зуд татбиқшавии технологияҳои гармхонавӣ дар Тоҷикистон мавҷуд мебошанд?

*Муовини роҳбари лоиҳаи GEFF Тоҷикистон:*

Аз нуқтаи назари истеъмолкунандагон, технологияи гармхона дар давоми сол дастрасиро ба маҳсулоти тару тоза бо нархҳои дастрас зиёд намуда бешубҳа динамикаи бозорро тағйир медихад. Аз рӯи нуқтаи назари технологӣ сабабҳои ба зуди паҳншавии гармхонаҳо, аз ҷумла боғпарварӣ дар гармхона, гуногунанд, вале яке аз омилҳо нисбат ба дигар фикрҳо зиёдтар аҳамият пайдо мекунад. Дар ҳақиқат имконияти назорат намудани ҳарорат дар дохили гармхона новобаста аз шароити берунаи муҳити атроф эҳтимолияти парвариши намуди зиёди зироатҳоро дар он минтақаҳое имконпазир мегардад, ки аз сабаби сардиҳо ва гармиҳои тоқатфарсои ҳаво масъалаи боғпарварӣ метавонист маҳдуд бигардад ва  ҳамчун зироати мавсимии каммаҳсул боқи монад.

*Мутахассис оид ба маркетинги лоиҳаи GEFF Тоҷикистон:*

Ва чӣ гуна роҳҳои ҳалли афзалиятнок барои маблағгузорӣ ба гармхонаҳо мавҷуданд? Чанд вақт баъд деҳқонон метавонанд аз тиҷорати гармхонавӣ ба гирифтани даромад гузаранд?

*Муовини роҳбари лоиҳаи GEFF Тоҷикистон:*

Кор бо гармхона имкониятҳои зиёде дорад: 5 ҳолати афзалиятнокии асосии гармхона ба Шумо барои ба хулосаи ниҳоӣ омадан кӯмак мерасонад:

- ✓ Баланд бардоштани маҳсулнокӣ нисбат ба воҳиди масоҳат ва тамдид намудани давомнокии мавсими кишт;
- ✓ Кам кардани сарфи об бо ёрии системаи обёрии қатрагӣ;
- ✓ Ҷуброни оқибатҳои тағйирёбии иқлим бо роҳи ҳимояи зироатҳо аз шароити тағйирёбандаи иқлим;
- ✓ Беҳтарнамоии мубориза бо зараррасонҳо ва касалиҳо аз ҳисоби кам кардани истифодаи воситаҳои кимиёвӣ ва истифодабарии васеи назорати биологӣ;
- ✓ Таъмини назорат ва банақшагирӣ истехсоли барои қаноатманд намудани талаботи истеъмолӣ бо ёрии маҳсулоти хушсифат ва безарар.

Нисбати саволи дуюм, таҷриба нишон медиҳад, ки деҳқонон хароҷотҳои худро барои сохтмони гармхона зуд пўшонида, аз соли дуюм ба гирифтани даромад шурўъ намуданд. Гармхонаҳои намуди нав, ки маблағи бисёрро талаб мекунанд, метавонанд аз соли 4-ум ба гирифтани даромад имконият диҳанд.

*Мутахассис оид ба маркетинги лоиҳаи GEFF Тоҷикистон:*

Барои маълумот ташаккур. Ин ба шунавандагони мо имкон медиҳад, ки хароҷоти сармоягузориро дарк намоянд ва барои онҳое, ки гармхона сохтан мехоҳанд, бисёр муфид аст. Дар бораи таъминкунандагони масолеҳ ва фурўшандагон чӣ гуфта метавонед? Масолеҳи заруриро аз куҷо дастрас намоем? Агар масалан ман гармхона сохтанӣ шавам, он гоҳ кадом усули сохтан/каркас, даромадгоҳ ва масолеҳи рўйпўшкунанда интихоб намоям?

*Муовини роҳбари лоиҳаи GEFF Тоҷикистон:*

Барои гармхонаҳо ҳамаи масолеҳро дар бозори маҳаллӣ дарёфт кардан мумкин аст, масолеҳ барои рўйпўшкунӣ яъне (плёнкаи полиэтиленӣ) ва клипсҳоро дар мағозаҳои кишоварзӣ ёфтан мумкин аст. Агар Шумо гармхона сохтанӣ шудед, ин аз шароити деҳқон вобастагӣ дорад. Дар хоҷагиҳое, ки дар манотиқи хунук ҷойгиранд, гармхонаҳои офтобии нерусарфакунанда месозанд. Дар хоҷагиҳои водигӣ асосан гармхонаҳои туннелӣ ва сақфдор месозанд, вале масолеҳ ва усули сохтан аз имкониятҳои молиявии деҳқон вобаста аст, чунки арзиши он метавонад тағйир ёбад.

*Мутахассис оид ба маркетинги лоиҳаи GEFF Тоҷикистон:*

Ба Шумо ташаккури зиёд, ки имруз бо мо будед ва доир ба таҷрибаву ақидаҳои худ бо мо хамсухбат шудед. Умедворем, ки ин маълумот ба шунавандагони мо барои фаҳмидани технологияҳои гармхонавӣ кумак мекунад ва барои онҳое, ки гармхона месозанд, бисёр муфид хоҳад буд.

Акнун ҳамкори ман дар бораи муваффақияти як зани маҳаллӣ, ки баҳри зиёд намудани истеҳсоли помидору бодиринг ва аз ҷиҳати экологӣ пеш рафтану обро сарфа намудан як гармхонаи муосир бунёд намудааст, гуфта мегузарад. Замира, марҳамат дар бораи лоиҳа муфассал истода мегузаштед!

*Мутахассис оид ба маркетинги лоиҳаи GEFF Тоҷикистон:*

Салом шунавандагони гиромӣ. Мо бисёр шодем, ки занҳо низ аз рушди технологияҳои зироаткории муосир бархурдоранд ва ин ба онҳо имконият медиҳад, ки маҳсулоти истеҳсолнамудаи худро ба бозорҳои пешсафи ҷумҳурӣ бароранд. Сайёрахон Тоҷиматова яке аз онҳо мебошад. Ў зиёда аз 20 сол аст, ки дар хоҷагии худ сабзавот, аз қабили помидор ва бодиринг парвариш менамояд. Хоҷагии ў дар шахри Турсунзода ҷойгир гаштааст ки, бо Ҷумҳурии Ўзбекистон минтақаи ҳамсарҳад мебошад ва барои рушди савдо бисер мувофиқ аст. Ў дар масъалаи бунёди гармхона имконияти рушди тиҷорати худро фахмида  ба яке аз бонкҳо - шарики молиявии Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд барои гирифтани қарз муроҷиат намуда, барои сохтани гармхона дар масоҳати 1200 метри мураббаъ

маблағ сарф намуд. Гармхона ба ӯ имконият медиҳад, ки зиёда аз 3000 ниҳоли помидорро парвариш намуда, бо ин роҳ ҳосилнокӣ то 140%, тақрибан аз 2500 то 6000 кг баланд бардошта шавад. Ин гуна маблағгузорӣ ҳам барои маҳсулнокӣ ва ҳам барои мухити атроф фоидаовар мебошад. Дар назар дошта шудааст, ки сарфаи об то 1980 $м^3$-ро дар як сол ташкил хоҳад дод.

*Мутахассис оид ба маркетинги лоиҳаи GEFF Тоҷикистон:*

Ба шарофати дастгирии донорҳо ба Сайёрахон Тоҷиматова аз тарафи Иттиҳоди Аврупо дар ҳаҷми 20% аз маблағи қарзи гирифтааш дастгирии молиявӣ расонида шуд, ки маблағгузориро боз ҳам барои деҳқонон дастрастар мегардонад. Фонди мазкур барои васеъ намудани имкониятҳои баробар барои занон ва мардон дар самти дастрасӣ ба захираҳои молиявӣ барои технологияҳои экологӣ, аз он ҷумла барои харидори намудани техникаи кишоварзӣ, системаҳои обёрии қатрагӣ дар гармхонаҳо, бунеди боғҳои интенсивӣ, сардхонаҳо, инчунин таҷҳизоти нерусарфакунанда барои коркарди маҳсулоти кишоварзӣ дастгирӣ зоҳир менамояд.

*Мутахассис оид ба маркетинги лоиҳаи GEFF Тоҷикистон:*

Маврид ба зикр аст, ки маблағҳои нав барои ояндаи кӯтоҳмуддат ва дарозмуддат арзишҳо таҳия менамоянд. Бо рӯёнидани ҳосили баланд, ғайр аз бозорҳои маҳалли зисти худ, онро метавон ба фурӯшгоҳҳои калони ш. Душанбе содирот намуд. Ин дар ҳақиқат як намунаи ибрат барои заноне мебошад, ки барои гузаштани Тоҷикистон ба иқтисоди сабз саҳми худро мегузоранд. Мо умед дорем, ки ӯ усулҳои пешбурди соҳаи кишоварзиро дар хоҷагиаш боз ҳам такмил медиҳад ва дар оянда, мо барояш муваффақиятҳо хохонем. Ин таҷриба онро намоиш медиҳад, ки ҳар як зан метавонад гармхонаи худро бунёд намояд, инчунин метавонад роҳҳои ҳалли сабзро кор карда баромада, аз парвариши ҳосилаш баҳрабардорӣ намояд. Азиз, оё Шумо медонед, ки гармхонаро барои чӣ гармхона меноманд??

*Мутахассис оид ба маркетинги лоиҳаи GEFF Тоҷикистон:*

Пештар гармхонаҳоро боғҳои ботаникӣ ном мебурданд. Азбаски истилоҳи «самаранокии гармхона» барои шарҳ додани он, ки як қисми гармии офтоб аз тарафи атмосфера ҷаббида мешавад ва гармии он шабона сайёраи моро гарм нигоҳ медорад, гузариш ба номи имрӯзаи гармхона ба амал омад. Ман дуруст мегӯям?

*Мутахассис оид ба маркетинги лоиҳаи GEFF Тоҷикистон:*

Бешубҳа, ин аз он сабаб ба амал меояд, ки ҳамон процесси, ки сайёраи Заминро гарм мекунад, дар гармхона низ ба амал меояд, ки он ҷо шишаи болои гармхона гармии офтобро қабул намуда, фазои зери он гарм мешавад. Ана барои ҳамин, айни замон гармхона ҳамчун истилоҳи зуд-зуд истифодашаванда барои шарҳ додани чунин сохторҳои шишагӣ ва поликарбонатӣ васеъ истифода бурда мешавад.

*Мутахассис оид ба маркетинги лоиҳаи GEFF Тоҷикистон:*

Ташаккур барои чунин таърихи бисёр ҳам пурсамар. Мехостам таъкид намоям, ки Барномаи маблағгузории иқтисоди сабзи Тоҷикистон маҳсулоти Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд мебошад, ки он дар ҳамкорӣ бо Иттиҳоди Аврупо, Фонди Иқлими Сабз ва Ҷумҳурии Корея фаъолияти худро роҳандозӣ менамояд. Ин механизм тавассути шарикони молиявӣ дар Тоҷикистон барои гузариши он ба иқтисоди сабз бо роҳи ҷудо намудани маблағ дар хачми 25 млн. доллари ИМА дастгирӣ мегардад. GEFF Тоҷикистон технологияҳои гуногуни инноватсионии сабзро дастгирӣ менамояд. Лоиҳа инчунин фаолиятҳои марбуд ба гендерро, ки барои баланд бардоштани имкониятҳои баробари занон ва мардон барои дастраси ёфтан ба маблағгузории иқтисоди сабз равона

гардидаанд, дастгирӣ менамояд. Барои гирифтани маълумоти иловагӣ метавонед ба сомонаи мо www.ebrdgeff.com/tajikistan ворид шавед ё ход моро дар саҳифаи Facebook дарёфт намоед.

Ин эпизоди дуюми силсилаи подкастҳои лоиҳаи GEFF Тоҷикистон буд, ки дар ду ҳафта як маротиба омода мешавад. Ба шунавандагон барои таваҷҷӯҳашон изҳори сипос намуда, қайд карданием, ки дар мусоҳибаи навбатии мо дар бораи сардхонаҳо бо мо бошед. Мо инчунин тавсия медиҳем, ки дар вақти пандемияи коронавирус худ ва наздиконатонро эҳтиёт намоед.

То дидор!